В. Тандурусти.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
ҚАРОР
Правительство Республики Таджикистан
ПОСТАНОВЛЕНИЕ

аз 27 майи соли 2017 № 266
ш. Душанбе

Дар бораи ислоҳоти минбаъдаи соҳаи
санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор

Мутобиқи моддаи 14 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва бо мақсади ислоҳоти минбаъда ва мукаммалгардонии назорати давлатии фаъолияти субъектҳои хоҷагидор, беҳтаргардонии вазифаҳои мақомоти санҷишӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Хадамоти давлатии бехатарии озуқаворӣи Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи Хадамоти назорати давлатии байторӣ, Хадамоти назорати давлатии фитосанитарӣ ва карантини растанӣ, Хадамоти назорати давлатии зотпарварӣ, Бозрасии назорати давлатии тухмӣ таъсис дода шавад.

2. Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи ичтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи Хадамоти назорати давлатии фаъолияти фарматсевтӣ, Хадамоти назорати давлатии фаъолияти тиббӣ ва ҳифзи ичтимоии аҳолӣ, Хадамоти назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ таъсис дода шавад.

3. Нақшаи чорабиниҳо оид ба ташкил намудани Хадамоти давлатии бехатарии озуқаворӣи Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи ичтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

4. Вазорату идораҳо амалишавии тадбирҳои дар Нақшаи чорабиниҳо пешбинишударо таъмин карда, оид ба раванди иҷрои он ба Шӯрои ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти санҷишӣ ҳисобот пешниҳод намоянд.

5. Шӯрои ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти санҷишӣ бо мақсади маҳдуд кардани ваколатҳои санҷишии мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаҳои ҷангал, шикор ва ҳудудҳои махсус муҳофизатшавандаи табиӣ, забон ва истилоҳот, идораи замин ва геодезӣ, бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқ ба он, омор, суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа, фаъолияти зиддиинҳисорӣ дар нимсолаи дуюми соли 2017 ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таклифҳои мушаххас пешниҳод намоянд.

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии
Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

ДАСТГОҲИ ИҶРОИЯИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН * РАЁСАТИ КОРГУЗОРӢ ВА НАЗОРАТ

Дохила шуд № 87-15
"08" 06 2017
ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТИ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Замима

Бо қарори
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз « 27 » майи соли 2017, № 266
тасдиқ шудааст

Нақшаи чорабиниҳо
оид ба ташкил намудани Хадамоти давлатии бехатарии озуқаворӣ
Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хадамоти назорати
давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Вазорати тандурустӣ ва
ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

| № | Номгӯи чорабиниҳо | Масъул | Мӯҳлат |
|---|---|---|---|
| 1 | Таъсис додани гурӯҳи корӣ оид ба ташкил намудани Хадамоти давлатии бехатарии озуқаворӣ Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Вазорати кишоварзӣ, Вазорати адлия, Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Вазорати молия, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ | июни соли 2017 |
| 2 | Таъсис додани гурӯҳи корӣ оид ба ташкил намудани Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Вазорати адлия, Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Вазорати молия, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ | июни соли 2017 |
| 3 | Таҳияи тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор бо мақсади таъсиси Хадамоти давлатии бехатарии озуқаворӣ Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳи муттаҳидсозии ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи байторӣ, мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи назорати фитосанитарӣ ва карантини растанӣ, мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи зотпарварӣ, мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тухмипарварӣ | Гурӯҳи корӣ оид ба ташкил намудани Хадамоти давлатии бехатарии озуқаворӣ Вазорати кишоварзӣ | сентябри соли 2017 |
| 4 | Таҳияи Низомномаи Хадамоти давлатии бехатарии озуқаворӣ Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Гурӯҳи корӣ оид ба ташкил намудани Хадамоти давлатии бехатарии озуқаворӣ Вазорати кишоварзӣ | сентябри соли 2017 |
| 5 | Гузаронидани таҳлил, таҳияи нақша оид ба муттаҳидсозии захираҳои моддӣ ва инсонии воҳидҳои сохтории марказӣ ва минтақавӣ, мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи байторӣ, мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи назорати фитосанитарӣ ва карантини растанӣ, мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи зотпарварӣ, мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тухмипарварӣ бо мақсади супоридани онҳо ба Хадамоти давлатии бехатарии озуқаворӣ Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Гурӯҳи корӣ оид ба ташкил намудани Хадамоти давлатии бехатарии озуқаворӣ Вазорати кишоварзӣ | августи соли 2017 |
| 6 | Амалисозии нақша оид ба муттаҳидсозии захираҳои моддӣ ва инсонии воҳидҳои сохтории марказӣ ва минтақавӣ, мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи байторӣ, мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи назорати фитосанитарӣ ва карантини растанӣ, мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи зотпарварӣ, мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тухмипарварӣ | Гурӯҳи корӣ оид ба ташкил намудани Хадамоти давлатии бехатарии озуқаворӣ Вазорати кишоварзӣ | декабри соли 2017 |
| 7 | Таҳияи тағйиру иловаҳо ҷиҳати ворид намудани онҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо | Гурӯҳи корӣ оид ба ташкил намудани Хадамоти | июли соли 2017 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | мақсади ташкили Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути муттаҳидсозии вазифаҳои мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи назорати фаъолияти фарматсевтӣ, мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи назорати санитарию эпидемиологӣ, мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи назорати фаъолияти тиббӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ | назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ | |
| 8 | Таҳияи Низомномаи Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Гурӯҳи корӣ оид ба ташкил намудани Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ | сентябри соли 2017 |
| 9 | Гузаронидани таҳлил, таҳияи нақша оид ба муттаҳидсозии захираҳои моддӣ ва инсонии воҳидҳои сохтори марказӣ ва минтақавӣ, мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи назорати фаъолияти фарматсевтӣ, мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи назорати санитарию эпидемиологӣ, мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи назорати фаъолияти тиббӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ бо мақсади супоридани онҳо ба Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Гурӯҳи корӣ оид ба ташкил намудани Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ | августи соли 2017 |
| 10 | Амалисозии нақша оид ба муттаҳидсозии захираҳои моддӣ ва инсонии воҳидҳои сохтори марказӣ ва минтақавӣ, | Гурӯҳи корӣ оид ба ташкил намудани Хадамоти назорати давлатии | декабри соли 2017 |



| | | | |
|---|---|---|---|
| | мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи назорати фаъолияти фарматсевтӣ, мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи назорати санитарию эпидемиологӣ, мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи назорати фаъолияти тиббӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ | тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ | |
| 11 | Таҳия ва ҷорӣ кардани махзани ягонаи (феҳристи) санҷиши Хадамоти давлатии бехатарии озуқаворechoии Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Вазорати кишоварзӣ | марти соли 2018 |
| 12 | Таҳияи меъёрҳои арзёбии дараҷаи таваккали субъектҳои хоҷагидор дар доираи фаъолияти Хадамоти давлатии бехатарии озуқаворӣ Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Вазорати кишоварзӣ | апрели соли 2018 |
| 13 | Таҳия ва тасдиқи нақшаи санҷиши Хадамоти давлатии бехатарии озуқаворӣ Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси меъёрҳои қабулшудаи арзёбии дараҷаи таваккал ҳангоми санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор | Вазорати кишоварзӣ | июни соли 2018 |
| 14 | Таҳия ва ҷорӣ кардани махзани ягонаи (феҳристи) санҷиши Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ | марти соли 2018 |
| 15 | Таҳияи меъёрҳои арзёбии дараҷаи таваккали субъектҳои хоҷагидор дар доираи фаъолияти Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ | апрели соли 2018 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 16 | Таҳия ва тасдиқи нақшаи санҷиши Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси меъёрҳои қабулшудаи арзёбии дараҷаи таваккал ҳангоми санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ | ноябри соли 2018 |